**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Саидзода Қурбоналӣ Саид дар мавзуи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли бахши аграрии иқтисодиёт)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D052000 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ).**

Саидзода Қурбоналӣ Саид соли 2009 ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда соли 2013 зинаи бакалавриат ва соли 2015 зинаи магистратураи факултети иқтисод ва идораи донишгоҳи номбурдаро аз рӯйи ихтисоси «Иқтисодиёт ва идора дар корхона» хатм карда, соли 2016 таҳсилро дар зинаи докторантура (Ph.D) идома дода, соли 2019 онро хатм намудааст.

Саидзода Қурбоналӣ Саид аз соли 2015 то ин ҷониб дар вазифаҳои зерин кору фаъолият намудааст. Солҳои 2015 -2016 лаборанти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ, соли 2016 ассистенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ, солҳои 2016-2017 мутахассиси шуъбаи мониторинг ва назорати сифати таҳсилот, солҳои 2017-2018 мутахассиси раёсати таълим, аз 23.01.2018 то 12.10.2018 сармутахассиси раёсати кадрҳо ва корҳои махсус, солҳои 2018-2022 муовини сардори раёсати таълим, аз 01.08.2022 то 07.10.2022 сардори маркази рушди касбият ва инноватсия. Ӯ айни замон, ба сифати сардори раёсати таълими Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва муаллими калони кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории ҳамин донишгоҳ фаъолият дорад.

Бояд қайд намуд, ки Саидзода Қ.С. ҳангоми иҷрои корҳои илмии худ, дараҷаи баланди мустақилиятро дар ҷамъоварии маълумотҳо, омӯзиш ва интихоби асарҳои тадқиқотчиёне, ки ҷанбаҳои назариявии мавзуи мазкурро таҳқиқ намудаанд, нишон додааст. Инчунин ӯ ҳамасола дар конференсияҳои илмию назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бо маърӯзаҳо ва фишурдаҳои худ баромад намудааст.

Роҷеъ ба мавзуи диссертатсионӣ 22 маводи илмӣ таҳия намудааст, ки аз ин 9 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 13 мақолаи илмӣ дар конференсияву дигар маҷаллаҳои илмӣ ба тавсиб расонидааст.

Аз тарафи Саидзода Қ.С. дар раванди таҳқиқот усулҳои илмии мантиқӣ, таҳлилӣ, иқтисодӣ-оморӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, графикӣ, коршиносӣ, истисно, муқоиса ва дигарҳо истифода шудаанд. Инчунин диссертатсия ба асарҳои олимон ва муҳаққиқони хориҷию ватанӣ, ки ба омӯзиши назария ва методологияи такмили механизми ташкилию

иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт бахшида шудаанд, асоснок карда шудааст.

Натиҷаҳои мушаххаси илмие, ки дар раванди таҳқиқот ба сифати навгонии илмӣ ба даст оварда шудаанд, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолиро дар соҳаи аграрӣ дар бар гирифта, инчунин механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳаи аграрӣ аз нигоҳи нав таҳқиқ ва арзёбӣ гардидааст. Бо такя ба муҳтавои асарҳои олимон ва муҳаққиқони ҷаҳонӣ хусусиятҳои хоси механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолии соҳаи аграрии иқтисодиёт дар низоми иқтисоди бозорӣ муайян карда шудааст.

Муқаррароти назариявӣ, ки аз ҷониби докторант дар диссертатсия таҳия гардидааст, метавонанд ҳамчун саҳми муҳим дар такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолии соҳаи аграрӣ муаррифӣ шаванд. Натиҷаҳои назариявии диссертатсия имконияти иҷрои таҳқиқоти илмиро дар самти такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолии соҳаи аграрии иқтисодиёт дар шароити иқтисоди бозорӣ фароҳам меоранд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешкаш гардида, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муқаррароти дигари диссертатсия бошад, дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳангоми хондани фанҳои «Асосҳои фаъолияти соҳибкорӣ», «Ташкили фаъолияти соҳибкорӣ», «Таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ» «Ташкил ва банақшагирии истеҳсолот дар корхона» «Иқтисоди соҳаҳо» ва «Иқтисоди корхонаҳо» истифода шуда истодааст.

Кори диссертатсионии мазкур барои ба таври назаррас такомул ёфтани таъминоти илмию методии илмҳои иқтисодӣ мусоидат хоҳад кард. Хулосаю замимаҳо ва тавсияҳои дар асоси таҳлили илмии тасдиқ кардашудаи диссертатсия, метавонанд ба амалияи такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолии соҳаи аграрии иқтисодиёт мусоидат намоянд.

Хулосаҳои асоснок, пешниҳодҳо ва тавсияҳои кори диссертатсиониро ба сифати воситаи такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт

истифода бурдан мумкин аст, ки аз аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ дарак медиҳанд. Пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф мумкин аст, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаи стратегияю барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти сиёсати рушди соҳаи аграрӣ, истифода шаванд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Саидзода Қурбоналӣ Саид дар мавзуи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли соҳаи аграрии иқтисодиёт)» як тадқиқоти илмии пурра анҷомёфта ва мустақилонаи муаллиф маҳсуб ёфта, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35, «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯ буда, аз рӯйи ихтисоси 6D.05.20.00 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D.05.20.02 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** ______________ **Қурбонов А.К.**

Имзои д.и.и., профессор Қурбонов А.К.-ро тасдиқ менамоям:

**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«03» 05 2025с.**